Tajik
طاجيكي
01/40

# Сифати намози Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам

1

Суннат аст, ки имом ва мунфарид ба суӣ сутра намоз гузоранд, ва сутраи имом сутари қавм аст.

Назарашро дар ҷои саҷдааш қарор медиҳад ва ба ину он тараф назар намекунад.



1

Байни қадамҳояшро ҳамонанди байни китфҳояш қарор медиҳад, зиёду кам намекунад ва хориҷашонро баробар мекунад.



2

Баъди баҷо овардани шартҳои намоз "Аллоҳу акбар" мегӯяд дастҳоро дар ҳоле ки ангуштҳо ҷамъ ҳастан баробари гушҳо ё баробари китфҳо мебардорад ва кафҳои дастро тарафи қибла қарор медиҳад.



3

Сипас кафи дасти росташро бар пушти кафи дасти чапаш гузошта ва банди даст ва соъидро бар садраш мегузорад ё қабза мекунад.



4

Сипас барои намозгузор хондани дуои калиди намоз танҳо дар ракъати якум мустаҳаб аст ва беҳтар ин аст, ки дуоҳое ки дар истифтоҳ ворид шудааст гоҳ гоҳ бихонад, пас мегӯяд «Субҳанакаллоҳумма ва биҳамдика ва табаракасмука ва таъала ҷаддука ва ла илаҳа ғайрук».

Сипас Аъузубиллаҳ ҳамчуноне ки омадааст мегӯяд:
«Аъузу биллаҳи минаш-шайтонир-раҷим».

Сипас Бисмиллоҳ мегӯяд ва сураи Фотиҳаро ба тартиби оятҳо, калимаҳо, ҳарфҳо, ва ҳаракатҳояш мехонад «Бисмиллоҳир-Раҳманир-Раҳим(1) Алҳамдулиллоҳ рабил аламин(2) Арраҳманир раҳим(3) Малики явмиддин(4) Ияйка наъбуду ва ияйка настаъин(5) Иҳдинас сиротал мустақим(6) Сиротал лазина анъамта алайҳим ғайрил мағзуби алайҳим валазоллин(7).

Сипас оне ки аз Қурон барояш муяссар мешавад бе Аъузубиллаҳ хондан мустаҳаб мебошад ва танҳо дар аввали сураҳо Бисмиллоҳ мегӯяд.

5

Сипас дастонашро мебардорад ҳамонгуна ки дар такбири эҳром Аллоҳу акбар гӯён мебардошт ва рукӯъ мекунад. Сипас зонуҳояшро қабза мекунад ва оренҷҳояшро хам намекунад ва пушташро баробари сараш қарор медиҳад ва якбор аз рӯи воҷибӣ "Субҳана рабиял азим" мегӯяд ва барои он мустаҳаб аст, ки аз он чи ворид шудааст зиёд бигӯяд.



6

Сипас бо бардоштани сар пеш аз муътадил шудан "Самиъаллоҳу лиман ҳамидаҳ" мегӯяд бо бардоштани дастҳо бо баробари гушҳо ё китфҳо.

Ҳаргоҳ муътадил шуд "Раббана валакал ҳамд" гӯяд ва барои он мустаҳаб аст ки аз он чи ворид шудааст зиёд кунад.

Сипас бе бардоштани дастҳо Аллоҳу акбар мегӯяд ва ба ҳафт аъзо: пешонӣ, бинӣ, ду кафи даст, ду зону, ва шиками ангуштони пойҳо саҷда мекунад.

Миёни кашҳо ва миёни шикам ва рон ва миёни рон ва соқро кушода мегузорад ва зироъи дастонашро аз замин мебардорад.



7

Ва якбор аз рӯи воҷиби "Субҳана рабиял аъла" мегӯяд, ва барои ӯ мустаҳаб аст, ки аз он чи ворид шудааст зиёд бигӯяд, ва ба он чизе ки мехоҳад дуо кунад ва беҳтар ин аст, ки ба дуоҳое ки дар суннат ворид шудааст дуо кунад.



8

Сипас Аллоҳу акбар мегӯяд ва пойи чапашро хобонда бар он менишинад ва пойи росташро рост мегузорад ва шиками ангуштони пойи росташро бар замин ва ангуштонашро ба сӯи қибла қарор медиҳад ва кафҳои дасташро бар ниҳояти ронҳояш мегузорад ва "Раббиғфирлӣ" мегӯяд ин нишастан дар ҳамаи нишастаниҳои намоз аст ба ҷуз нишастани сеюм ва чаҳорум дар аттаҳиёти охир ва дар он таваррук мекунад ба ин, ки пойи чапашро дар зери соқи пойи росташ мегузорад.



9

Сипас Аллоҳу акбар мегӯяд ва саҷда мекунад монанди саҷдаи якум, сипас Аллоҳу акбар мегӯяд ва барои ракъати дуюм қоим мешавад ва дар ракъати дуюм монанди ракъати якум мекунад, магар ки дар ракъати дуюм такбири эҳром ва дуои истифтоҳ нест.



Ҳаргоҳ аз саҷдаи дуюм фориғ шуд барои аттаҳиёт мешинад.

Ва ба ангушти сабоба ишора мекунад ва ангушти миёна ва ибҳомро ҳалқа мекунад, ва ангушти сабобаро ҳаракат дода ба он дуо мекунад.



Ва аттаҳиётро мехонад сипас салавоти Иброҳимиро "Аттаҳияту лиллаҳи вас салавату ват тайибат. Ассаламу алайка аюҳан набию ва раҳматуллоҳи ва баракатуҳу ассаламу алайна ва ала ибадиллаҳис солиҳин ашҳаду алла илаҳа иллаллоҳ ва ашҳаду анна Муҳаммадан абдуҳу ва расулуҳ. Аллоҳумма салли ала Муҳаммад ва ала али Муҳаммад кама салайта ала Иброҳима ва ала али Иброҳима иннака ҳамидум маҷид. Аллоҳумма барик ала Муҳаммад ва ала али Муҳаммад кама боракта ала Иброҳима ва ала али Иброҳима иннака ҳамидум маҷид".

Сипас аз чаҳор чиз паноҳ металабад "Аллоҳумма инни аъузу бика мин азаби ҷаҳаннам ва аъузу бика мин азабил қабр ва аъузу бика мин фитнатид даҷҷал ва аъузу бика мин фитнатил маҳё валмамат" ва ба он чизе ки мехоҳад дуо мекунад, ва беҳтар аст ба он чизе ки ворид шудааст дуо кунад бо гуфтани "Аллоҳумма аъинни ала зикрика ва шурика ва ҳусни ибадатик".

Сипас ду салом медиҳад ба тарафи рост ва чапаш ва мегӯяд "Ассаламу алайкум ва раҳматуллоҳ" ва танҳо ба сараш бе китфҳонаш ва бе ҳаракат додани сар ба болову поён ва бе ишора кардан ба дастон илтифот мекунад.



10

Омода кунанда : Д. Ҳайсам Сарҳон мударриси масҷиди Набавӣ ва сардори "маъҳади суннат-
mahadusunnah.com

Ҳуқуқи чоп ва нашр ва тавзеъ озод аст
Барои тарҷумаи брошура: sarhaan.com ё баркодро масҳ кун